# ТАКРИЗИ

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Холмирзозода Дустмухамад Нурулло дар мавзӯи: ***«Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли нергоҳи Октябр)»,*** ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ.

**Муқаррароти умумӣ.** Кори диссертатсионии Холмирзозода Дустмухамад Нурулло дар Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ҳамчунин муштарак дар кафедраи «Автоматонии ҳаракатоварҳои барқӣ» ва кафедраи «Неругоҳҳои барқӣ»-и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон иҷро гардидааст. Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, чор боб, хулоса ва замимаҳо, рӯйхати адабиёт, аз ҷумла 135 номгӯй иборат буда, дар 139 саҳифа иҷро гардида, 9 ҷадвал, 31 расмро дар бар мегирад.

**Хусусиятҳои довталаб ва марҳилаҳои иҷрои кори диссертатсионӣ.** Холмирзозода Дустмухамад Нурулло соли 2013 Донишкадаи энергетикии Тоҷикистонро бо ихтисоси «Автоматонии ҳаракатоварҳои барқӣ» хатм намудааст. Бо дарназардошти сатҳи баланди тайёрии тахассусӣ ва шавқу рағбати устувори ӯ ба фаъолияти илмӣ, соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба таҳсил фаро гирифта шуд.

Дар ҷараёни таҳияи кори диссертатсионӣ Холмирзозода Д.Н. фаъолияти илмии худро дар заминаи ҳамкории байникафедравӣ ва таҳти роҳбарии илмию методии кафедраҳои «Автоматонии ҳаракатоварҳои барқӣ» ва «Неругоҳҳои барқӣ»-и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон амалӣ намуд. Марҳилаи асосии таҳқиқот дар ҳамин муассиса анҷом дода шуда, дар солҳои 2018–2025 тамоми марҳилаҳои калидии таҳияи кори илмӣ бо муваффақият ба анҷом расонида шуданд.

Холмирзозода Дустмухамад Нурулло дар ҷараёни таҳқиқоти илмии худ маҳорати баланди таҳлили масъалаҳои мураккаби техникӣ, қобилияти мустақилона андешидани қарорҳои муҳими муҳандисӣ ва муносибати эҷодиро ба ҳалли масъалаҳои актуалии соҳаҳои гидроэнергетика ва электроэнергетика нишон дод. Ӯ дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ба мисли ҷамъоварии маълумот, таҳлили назариявӣ, таҳияи моделҳои математикию компютерӣ ва арзёбии натиҷаҳо фаъолона ва бо масъулияти баланди илмӣ ширкат варзида, натиҷаҳои бадастомадаро дар шакли диссертатсия таёр ва пешниҳод намудааст.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ 11 интишороти илмӣ ба нашр расонида шудааст, ки аз ҷумлаи онҳо 2 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 мақола дар маводи конференсияҳои байналмилалии илмӣ-амалӣ, инчунин 1 патенти ихтироъ ба ҳисоб мераванд. Нашрияҳои зикршуда собитгари сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқот ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада мебошанд.

**Мубрамияти кори диссертатсионӣ.** Мавзӯи кори диссертатсионии Холмирзозода Дустмухамад Нуруло дар мавзӯи «Баланд бардоштани

самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)» дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

Дар шароити рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва зиёдшавии талабот ба таъминоти боэътимоди нерӯи барқ, махсусан дар минтақаҳои кӯҳистони кишвар, истифодаи самараноки захираҳои маҳаллии барқароршавандаи энергия, аз ҷумла иқтидорҳои гидроэнергетикӣ, ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати энергетикӣ табдил ёфтааст.

Неругоҳҳои барқии обии хурд (НБОХ) дар баланд бардоштани сатҳи энергетикаи минтақавӣ ва беҳтар намудани устувории шабакаҳои барқ нақши муҳим мебозанд.

Дар ин замина, таҳқиқоти Холмирзозода Дустмухамад Нуруло, ки бевосита ба масъалаи баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳи барқии обии хурди «Октябр» равона шудааст, дорои аҳаммияти назаррас ва саривақтӣ мебошад. Таҷрибаи таҳқиқот дар шароити воқеии кори ин нерӯгоҳ, бо истифода аз усулҳои муҳандисии таҳлил, моделсозӣ ва арзёбӣ, заминаи илмӣ барои татбиқи қарорҳои беҳтарсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии иншоотҳои гидроэнергетикӣ фароҳам меорад.

Бо дарназардошти аҳаммияти амалӣ ва мувофиқати мавзӯъ бо самтҳои афзалиятноки рушди энергетика, метавон гуфт, ки кор дорои мубрамияти илмӣ ва амалӣ мебошад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки Холмирзозода Дустмухамад Нурулло ҳамчун олими соҳибихтисос ва корманди илмӣ дар соҳаи гидроэнергетика ташаккул ёфтааст. Кори диссертатсионии ӯ дар мавзӯи «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)» як таҳқиқоти илмии пурра анҷомёфта буда, ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 05.14.02 – «Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ» ва меъёрҳои «Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мутобиқ мебошад. Кори мазкур сазовори дастгирӣ буда, муаллифи он лоиқи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз руйи ихтисоси зикршуда дониста мешавад.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои техникӣ, корманди калони илмӣ, дотсенти кафедраи ҳаракатдиҳандаҳои автоматикунонидашудаи электрикӣ ва мошинаҳои электрикӣ-и ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ. — Абдураҳмонов А.Я.

*Имзои д.и.т., дотсент Абдураҳмонов А.Я.-ро тасдиқ мекунам:*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон — Каримов З.А.

«26» 05 2025 с.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС